# КОРРУПСИЯ – ВАБОИ АСР

***«Самти фаъолияти коррупсия – зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ мебошад, ки мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 319 – додани пора ва моддаи 320 – гирифтани пора равона карда шудааст»*** *(Кодекси ҷиноятии ҶТ).*

***Коррупсия*** аз калимаи лотинии ***«corruptio»*** гирифта шуда, ришвагирӣ, порагирӣ ва амалҳои ба ин марбутро мефаҳмонад.

***Коррупсия*** сӯистифода аз ҳокимияти давлатӣ буда, барои гирифтани даромад ба манфиатҳои шахсии худ мебошад.

Оре, таърих гувоҳ аст, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ва ҳатто қабл аз мелод ришваситонӣ, гирифтани пора ва фаъолияти ***коррупсионӣ*** дар ҷамъият роиҷ будааст. Таъйиди ин гуфтаҳо сухани яке аз донишманди бузурги дунёи қадим Арасту мебошад, ки аз бедодгариҳои коррупсионӣ сухан гуфта, ба аъмоли инсони соҳибақлу соҳибхирад зебанда набудани онро ба қалам кашидааст.

Дар ҳама динҳои ҷаҳонӣ порадиҳиву пораситонӣ маҳкум карда шудааст. Аз ҷумла, дар оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ин падидаи номатлуб зери тозиёна кашида шуда, аз мардум даъват ба амал оварда шудааст, ки афтидан дар вартаи он худдорӣ кунанд. Дар ҳадисе омадааст, ки «***Худованд порадиҳандаву порагирандаро лаънат мекунад».***

Мавриди зикр аст, ки ҳама бузургону донишмандони гузаштаи мо порадиҳӣ ва ришвагириро бадтарин падидаи амали инсонӣ дониста, онро омили халалдор сохтани ҷомеа ва зиндагии орому осоиштаи мардум унвон кардаанд.

Бо пешрафти замон ва дигаргун гардидани ҳолат ва вазъияти зиндагии мардум гирифтани ришва ва амалҳои ***коррупсионӣ*** низ роҳу усули худро тағйир додааст

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани кишвари маҳбубамон-Тоҷикистони азиз барои пурзӯр намудани амнияти сартосарии мамлакат соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ***«Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»*** қабул гардида, барои татбиқи он як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд.

Соли 2007 Кумитаи назорати давлатии молиявӣ ба агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо ***коррупсия*** табдил дода шуд, ки вазифаи он пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳои ***коррупсионӣ***, назорати истифодаи маблағу воситаҳои пулию молӣ, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва тақвияти минбаъдаи мубориза бар зидди ин кирдори номатлуб мебошад. Инчунин, Агентӣ мақоми махсусгардонидашуда ва субъекти асосии мубориза бо ***коррупсия*** буда, барои амалӣ намудани вазифаҳои худ ҳамаи имкониятҳо, пеш аз ҳама, қонун ва дигар асноди дахлдори ҳуқуқиро дар ихтиёр дорад. Агентӣ бояд ҳамаи вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо, ташкилоту созмонҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бонкҳо ва шахсони мансабдори давлатиро ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани рафтору кирдорҳои ғайри қонунӣ ва садди роҳи қонуншиканиро гирифта бошад, то амнияту субот, ваҳдату ягонагӣ ва

пойдории ҳукумати қонуниро дар як фазои орому осоишта ба ҷо монад, аммо садҳо афсӯс, ки ин ҳама дар боло зикр гардида, фақат дар навишт аст, вале дар амал баракс, худ ба қонуншиканӣ ва амалҳои ғайриқонунӣ даст мезананд, ки ин оромиву суботи сартосарии мамлакатро халалдор сохта, фазои сулҳпарвари Тоҷикистонро ба вартаи нестӣ мебарад.

Рӯзи 17 феврали соли ҷорӣ дар ҷаласаи Шӯрои амнияти кишвар Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки амалҳои ***коррупсионӣ*** «кирдори хатарноки зиддидавлатӣ» буда, «ин падидаи номатлуб обурӯи давлатро дар дохилу хориҷ коҳиш дода, асосҳои давлатдориро хароб мегардонад».

Сарвари кишвар ***коррупсияро*** дар баробари терроризму ифротгароӣ аз ҷумлаи масъалаҳои глобалӣ номида, бар зидди он мубориза беамон эълон кард.

Такя ба суханону роҳнамоиҳои Сарвари кишвар барои ҳар яки мо-шаҳвандони ин кишвари зебоманзар зарур аст, ки бар зидди ин падидаи номатлуби хонумонсӯз муборизаи беамон барем.

**Хайриддинзода Бадриддин**
**донишҷӯи курси 3,**
**факултети забонҳои Осиё ва Аврупо**